## БАРГУЗОРИИ ХОНИШИ ИДОРАВӢ-СИЁСӢ ДАР ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

20-уми майи соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон хониши идоравӣ-сиёсӣ баргузор гардид. Хониши мазкурро муовини директор оид ба илм ва инноватсия Маҳмудзода Обидҷон ифтитоҳ намуда, дар суханронии худ ба аҳамияти омӯзиши фанҳои риштаи табиатшиносӣ ва дақиқ ва ташаккули тарбияи худшиносӣ муҳим арзёбӣ намуд. Таъкид гардид, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро омили муҳими ташаккули иқтисоди донишбунёд ва баланд бардоштани рақобатпазирии миллӣ арзёбӣ менамоянд. Мутобиқ ба барномаи хониш Гулсара Пӯлотова – мудири шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияҳои иттилоотӣ дар мавзуи «Ҷанбаҳои илмию амалии такмил ва омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ дар шароити ислоҳоти соҳа» маъруза намуда, аҳамият, мушкилот ва роҳҳои ҳалли ин муамморо дар таҳкими соҳибмаърифат гардонии насли наврас таъкид кард. Ҳамчунин, Давлатзода Сарвиноз – мудири шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар мавзуи «Ташаккули худшиносӣ ва масъулияти шаҳрвандии хонандагон тавассути робитаи байнифаннӣ технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ» баромад намуда, зикр кард, ки ҳамгироии фанҳои таълимии технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар ташаккули худшиносӣ ва тарбияи масъулияти шаҳрвандии насли фардо мусоидат менамояд. Сипас, Ҳадиса Шоҳмамадова – мудири лабораторияи илмӣ – таҳқиқотии муассиса тахти унвони «Нақши лаборатория (озмоишгоҳ) –и илмию таҳқиқотӣ дар фарогирии хонандагон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишӣ ба корҳои эҷодӣ ва таҳқиқотӣ» маъруза намуд. Таъкид рафт, ки ташкил ва баргузор намудани дарсҳои амалӣ ва гузаронидавни таҷрибаҳо аз фанҳои риштаи табиатшиносӣ ва дақиқ дар озмоишгоҳҳои назди мактабӣ шавқу ҳаваси хонандагонро бедор намуда, дар соҳибмаърифат гардидани онҳо муосидат менамояд. Хониши идоравӣ-сиёсӣ бо муҳокимаи мавзуҳои пешниҳодшуда ва мубодилаи афкор идома ёфта, дар фарҷом аз натиҷаҳои он хулосабарорӣ гардид.









